**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**
**Ректори Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, н.и.п., дотсент**
**_____________ Сафарзода Д.Ҷ.**
**«28» _________ 2025 сол**

# ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

**ба диссертатсияи номзадии Азимзода Ҳайдаршоҳ Раҷаб дар мавзуи «Шартномаи хариду фурӯши чакана: масъалаҳои асосии танзими ҳуқуқи хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи граждании; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод шудааст.**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Азимзода Ҳайдаршоҳ Раҷаб дар мавзуи «Шартномаи хариду фурӯши чакана: масъалаҳои асосии танзими ҳуқуқи хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи граждании; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, ки аз рӯйи он ба шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 7 январи соли 2022, №16/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мутобиқ мебошад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Танзими ҳуқуқии шартномаи хариду фурӯши чакана дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити рушди бозори рақобатпазир, густариши муносибатҳои бозорӣ, рақамикунонии тиҷорат ва баланд гардидани сатҳи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон аҳамияти махсусро касб намудааст. Дар шароити имрӯзаи иқтисодии мамлакат, ки бо густурдани фаъолияти соҳибкорӣ, зиёдшавии нуқтаҳои хизматрасонӣ ва афзоиши савдои рақамӣ, масъалаи таъмини устувор гардонидан меъёрҳои ҳуқуқӣ дар муносибатҳои хариду фурӯши чакана яке аз самтҳои калидии такмили танзими соҳаи ҳуқуқи хусусӣ ба ҳисоб меравад.

Шартномаи хариду фурӯши чакана тибқи меъёрҳои Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун яке аз зершаклҳои шартномаи хариду фурӯш муайян шуда, хусусиятҳои хоси худро дар робита ба мақсад, субъектони муносибатҳои маданӣ, тартиби бастан, иҷрои ӯҳдадориҳо ва кафолатҳои истеъмолӣ дорост. Хусусияти асосии ин навъи шартнома дар он аст, ки фурӯшанда ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул буда, молро ба истеъмолкунандаи ниҳоӣ барои истифодаи шахсӣ ё оилавӣ мефурӯшад. Ин хусусият танзими

муфассали ҳуқуқиро талаб мекунад, зеро муносибати мазкур доираи принсипи «фаъолияти соҳибкорӣ - харидори истеъмолкунанда» аз нуқтаи назари ҳифзи манфиатҳои қонунии тарафҳо ва таъмини муомилоти мадании одилона танзим ва назорати қонунгузории талаб менамояд.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, метавон ишора намуд, ки таҳқиқоти диссертатсионии Азимзода Ҳайдаршоҳ Раҷаб дар мавзуи «Шартномаи хариду фурӯши чакана: масъалаҳои асосии танзими ҳуқуқи хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» дорои аҳамияти муҳимми назариявӣ ва амалӣ мебошад.

**Дараҷаи асосноккунии гузоришҳои илмӣ, хулосаю пешниҳод, ки дар диссертатсия оварда шудаанд.** Дараҷаи асоснокии гузоришҳои илмӣ, хулосаю пешниҳодҳои диссертатсияи Азимзода Ҳайдаршоҳ Раҷаб дар мавзуи «Шартномаи хариду фурӯши чакана: масъалаҳои асосии танзими ҳуқуқи хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар сатҳи олӣ арзёбӣ шуда, натиҷаҳои он аз таҳлили ҳамаҷонибаи қонунгузории маданӣ, мавод ва таҷрибаи судӣ ва ҳамчунин доктринаи ҳуқуқӣ бармеоянд. Дар таҳқиқоти мазкур, бо корбурд аз усулҳои диалектикӣ, мантиқӣ-забонӣ, таҳлили низомнок, расмӣ-ҳуқуқӣ ва муқоисавӣ-ҳуқуқӣ масъалаҳои назариявӣ ва амалии шартномаи хариду фурӯши чакана баррасӣ шудаанд.

Муаллиф дар ҷараёни таҳқиқот маҷмӯи васеи усулҳои илмиро, аз ҷумла диалектикӣ, мантиқӣ-забонӣ, таҳлили низомкон, усули расмӣ-ҳуқуқӣ ва муқоисавӣ-ҳуқуқиро ба таври муассир ба кор бурда, масъалаҳои назариявӣ ва амалии танзими шартномаи хариду фурӯши чакана вобаста ба воқеияти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҳамаҷониба мавриди таҳлил қарор додааст.

Ин тадқиқоти диссертатсионӣ аз он ҷиҳат низ арзиши баланди илмӣ дорад, ки дар илми ҳуқуқи мадании Тоҷикистон чунин таҳлили мукаммал ва низомнок дар бораи шартномаи хариду фурӯши чакана то имрӯз ба таври ҷудогона анҷом наёфта буд. Танҳо баъзе паҳлуҳои ин масъала аз ҷониби шуморе аз муҳаққиқон дар таҳқиқотҳои пароканда мавриди баррасӣ қарор гирифта буданд. Аз ин рӯ, кори мазкурро метавон ҳамчун иқдоми ҷиддӣ ва муҳим дар таҳия ва инкишофи таълимоти шартномаҳои маданӣ арзёбӣ кард. Муаллиф ба таври босалоҳият, моҳият, аҳаммият, хусусият, шартҳои муҳими шартномаи хариду фурӯши чаканаро таҳлил намуда, унсурҳо ва дурнамои ҳуқуқии онро аз дидгоҳи навин ва мутобиқ ба талаботи муосир шарҳ додааст.

Аҳаммияти илмиву амалии рисола ба андешаи муаллиф дар он аст, ки тамоми натиҷаҳои бадастомада метавонанд аз лиҳози назариявӣ ва амалӣ баҳри такмили қонунгузории кишвар мусоидат намоянд. Муаллиф бо далелҳои муътамади илмӣ ва амалӣ пешниҳод кардааст, ки зарурати ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунгузории мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба ин самт ба миён омадааст. Хусусан, дуруст ва дақиқ намудани мафҳумҳои калидӣ,

меъёрҳои қонунгузорӣ ва муайян намудани мавқеи ҳуқуқии қоидаҳои амалкунанда аз ҷумлаи масъалаҳое мебошанд, ки дар диссертатсия бо асоснокии баланд пешниҳод шудаанд.

**Навгонии илмии таҳқиқ ва саҳеҳии натиҷаҳои гирифташуда.**

**Навгонии илмии диссертатсионӣ дар он зоҳир мегардад, ки дар илми ҳуқуқи маданӣ бори аввал таҳқиқоти ҳамаҷонибаи назариявию амалӣ оид ба танзими шартномаи хариду фурӯши чакана дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо такя ба вазъи муосири бозори истеъмолӣ, сиёсати давлат ва меъёрҳои нави қонунгузории миллӣ анҷом дода шудааст.** Муаллиф дар рисола бо истифода аз таҳлили илмии ҳуқуқии санадҳои меъёрӣ, таҷрибаи амалкунандаи судӣ ва маводҳои назариявии давлатҳои хориҷӣ, паҳлуҳои гуногуни шартномаи хариду фурӯши чаканаро аз дидгоҳи нав ва бо равиши муосири илмӣ мавриди тадқиқ қарор додааст.

Дар доираи ин диссертатсия масъалаҳои зерини дорои навгонии илмӣ ба таври амиқ баррасӣ шудаанд:

**Якум,** муаллиф мафҳум, аломатҳо ва хусусиятҳои фарқкунандаи шартномаи хариду фурӯши чаканаро бо такя ба меъёрҳои Кодекси нави мадании ҶТ (зербоби 2 боби 35, м. 560–570) дақиқ намуда, онро ҳамчун навъи махсуси шартномаи хариду фурӯш ва ҳамзамон шартномаи истеъмолӣ тавсиф мекунад. Дар ин замина, мавқеи истеъмолкунанда ҳамчун шахси ҳифзшаванда ва фурӯшанда ҳамчун соҳибкор, ки ба хатарҳои афзудаи ҳуқуқӣ дучор аст, равшан гардонида шудааст.

**Дуюм,** асосҳои ҳуқуқии танзими шартномаи хариду фурӯши чакана ба таври низомманд таҳлил шуда, нишон дода шудааст, ки сарчашмаҳои ҳуқуқии он хусусияти омехта доранд: меъёрҳои ҳуқуқи хусусӣ бо меъёрҳои ҳуқуқи оммавӣ (олии конститутсионӣ, маъмурӣ, молиявӣ) ҳамкориҳои зич доранд. Муаллиф номукаммалиҳои мавҷудаи қонунгузориро, аз ҷумла дар танзими баъзе намудҳои шартномаҳои чакана, шартҳои савдои электронӣ, ва ҳимояи истеъмолкунандагон ҳангоми хариду фуруши электронӣ, нишон дода, зарурати таҳияи қоидаҳои махсус ва санадҳои нави зерқонунӣ ва ҳатто қабул шудани қонуни махсусро асоснок намудааст.

**Сеюм,** унсурҳои асосии шартномаи хариду фурӯши чакана, аз қабили тарафҳо, мавзуъ, мазмун, тартиби бастан ва иҷрои шартнома, инчунин хусусиятҳои бастани он дар савдои анъанавӣ ва электрониро муфассал баррасӣ карда, таснифотӣ муфассали шартнома пешниҳод шудааст. Таснифи шартнома вобаста ба асосҳои гуногун (вақти расонидани мол, тарзи пардохт, усули шиносоӣ бо мол, хусусияти мавзуъ ва ғайра) бо дарназардошти амалияи муосири бозори истеъмолӣ баён гардидааст.

**Чорум,** ҷавобгарии ҳуқуқии фурӯшанда дар шартномаи хариду фурӯши чакана дар шаклҳои ҷуброни зиён, товони зарари маънавӣ ва рӯёнидани ноустувора таҳлил гардида, масъалаҳои вазъи осебпазир будани истеъмолкунанда, масъулияти фурӯшанда барои фурӯши молҳои пастсифат, қалбакӣ ва ғайристандартӣ, инчунин мушкилоти риояи ҳуқуқи истеъмолкунанда дар шароити савдои электронӣ бо назари интиқодӣ баррасӣ шудаанд.

Навоварии илмӣ ҳамчунин дар он ифода меёбад, ки натиҷаҳои бадастомада заминаи назариявӣ ва амалӣ барои такмили қонунгузории маданӣ, таҳияи санадҳои нави зерқонунӣ дар соҳаи савдои чакана ва савдои электронӣ, бознигарии меъёрҳои қонунгузории истеъмолӣ ва баланд бардоштани сатҳи ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои ҳам истеъмолкунандагон ва ҳам соҳибкоронро фароҳам меоранд. Тадқиқоти мазкур мушкилоти назариявӣ ва амалии вуҷуддоштаро дар илми ҳуқуқи маданӣ то андозае бартараф намуда, имконият медиҳад, ки мушкилотҳои вобаста ба волояти ҳуқуқ, устувории муомилоти истеъмолӣ ва рушди бозори дохилӣ алоқаманд буда, дар сатҳи баланди илмӣ ҳал карда шаванд.

Натиҷаҳои илмии диссертатсия, ки дар нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда ва хулосаҳои умумӣ инъикос ёфтаанд, қобили истифода барои такмили қонунгузории миллӣ, фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ, таҳияи барномаҳои таълимӣ ва омода намудани китобҳои дарсӣ аз фанҳои «Ҳуқуқи маданӣ», «Ҳуқуқи шартномавӣ» мебошанд.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия.** Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот дар он аст, ки хулоса ва пешниҳодҳои зикршуда барои рушди минбаъдаи ҳуқуқи маданӣ ва танзими шартномаи хариду фурӯши чакана аҳаммияти донишафзунӣ доранд. Пайдоиш ва инкишофи шартномаи хариду фурӯши чакана дар қонунгузории маданӣ марҳилаи нав буда, дар рушди соҳибкорӣ таъсир расонида ва шароит фароҳам овард, ки низоми хариду фурӯши чаканаи ашё такмил дода шавад. Ин бошад чораи муҳим дар самти дасгирии соҳибкории ватанӣ ва сарвақт таъмини истеъмолкунандагон бо ашёи босифат гардид.

Натиҷаҳои илмии ҳосилшуда аз таҳлили қонунгузории амалкунанда ва таҷрибаи ҳуқуқтатбиққунӣ дар ҶТ ба вуҷуд омада, ошкоршавии камбудиҳои қонунгузорӣ, мухолифати баъзе меъёрҳои он ва холигӣ дар таҳлили назариявии шартномаи хариду фурӯши чакана ва танзими ҳуқуқии он ба вуҷуд омада, барои бартараф намудани камбудиҳо дар танзими ҳуқуқии ин шартнома ва рушди ҳуқуқи маданӣ равона шудааст.

Натиҷҳои диссертатсияи довталаб Ҳ.Р. Азимзода аз аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ бархурдор буда, дар ин замина ба инкишофи илми

ҳуқуқи маданӣ, такмили конунгузорӣ, танзими муносибатҳо дуруст ба роҳ, мондани амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ, ҳифзи манфиатҳои иқтисодӣ ва дар амалӣ гардидан ва ҳимояи ҳуқуқҳои харидор-истеъмолкунанда мусоидат менамоянд. Таҳқиқоти мазкур фарогири нахустин таҳлили муфассали илмии ҳуқуқӣ оид ба масъалаҳои танзими ҳуқуқи хусусии шартномаи хариду фурӯши чакана дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки дар он мафҳумҳои ба мавзуъ алоқаманд мушаххас таҳлил гардида, зимни пешниҳод ва хулосаҳои муфид аз ҷониби муаллиф манзур шудаанд.

Натиҷаҳои амалии таҳқиқот қобилияти истифода дар беҳбуди фаъолияти мақомоти судӣ, мақомот ҳокимияти давлатӣ, баҳри танзими ҳуқуқии муносибатҳои хариду фурӯши чаканаи ашё, такмили қонунгузории маданӣ ва манзил, ҳимояи ҳуқуқи манфитҳои тарафҳои шартномаи мазкур кумак мерасонад.

Натиҷҳои бадастомада метавонанд барои ба вуҷуд овардани эътимоди мутақобил байни фурӯшанда ва харидор, зиёд шудани шумори соҳибкороне, ки ба хариду фурӯши чаканаи мол машғул мебошанд, дастарсии ашё баистеъмолкундагон, кам гардидани вайрон гардидани ҳуқуқи истеъмолкундагон ҳангоми фурӯши ашё, аз ҷумла бо тариқи фурӯши электронӣ мол ва беҳбуди фазои иқтисоди миллӣ замина гузоранд. Ҳамзамон, натиҷаҳои диссертатсия дар баробари аҳаммияти иқтисодӣ аз аҳаммияти муҳимми иҷтимоӣ низ бархурдор мебошад, зеро агар муносибатҳои бо шартномаи хариду фурӯши чакана мавриди дурусти танзими ҳуқуқӣ қарор бигирад, ин метавонад ба зиёд шудани молу маҳсулоти хушсифат дастрас ба истеъмолкундагон ва рушди мутамадини савдои мол, зиёд шудани соҳибкорӣ дар кишварамон замина хуб фароҳам оварад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ.** Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот дар ҳақиқӣ будани дониши ҳосилшуда, мантиқӣ будани таҳқиқот, дарки таърихи пайдоиш ва инкишофи шартномаи зикршуда дар ҶТ, усул ва вазифаҳои танзими ҳуқуқии он, инъикоси воқеии масъалаҳои танзими ҳуқуқии шартномаи хариду фурӯши чакана, таҳлили захираҳои илмию амалии соҳавӣ, амалисозии натиҷаҳои он, инчунин мутобиқати диссертатсия ба талаботҳои муқарраршуда, таҳлили ҳаматарафаи назариявӣ ва амалии мушкилоти танзими ҳуқуқи мадании шартномаи хариду фурӯши чакана ифода мегардад.

Эътимоднокии натиҷҳои таҳқиқи, дурустӣ ва асоснокии натиҷҳои таҳқиқи, дар воқеӣ будани хулосаҳо, асоснокии илмии онҳо, мутобиқати мантиқии дохилӣ, таҳлили ҳаматарафаи назариявӣ ва амалии мушкилоти танзими ҳуқуқии мадании шартномаи хариду фурӯши чакана бо дарназардошти қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳлили маводи илмӣ ва амалӣ оид ба

таҳқиқ, инчунин усулҳои татбиқгардидаи таҳқиқот илмӣ, аз ҷумла усули диалектики, таҳлили низомнок, мантиқӣ- забонӣ, расмӣ-ҳуқуқӣ ва муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, ҳамчунин мутобиқати диссертатсия ба талаботи муқарраршуда, ифода мегардад.

Муаллиф ба таҳлили маводҳои воқеии амалияи судӣ, таҷрибаи ҳуқуқтатбиқкунӣ ва амалияи шартномаи хариду фурӯши чакана такя намудааст, ки асоси боэътимоди эмпирикиро барои натиҷ ва хулосаҳо ташкил медиҳад.

Дурустии натиҷаҳои бадастомада бо истифодаи манбаъҳои боэътимоди илмӣ ва амалӣ, аз ҷумла адабиёти илмии ватанию хориҷӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, қонунгузории Тоҷикистон ва кишварҳои хориҷӣ, инчунин маводҳои парвандаҳои маданӣ оид ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкундагон ҳангоми бастани шартномаи хариду фурӯши чакана бамиён омаданд, тасдиқ гардидааст. Таҳлили густурдаи ин маводҳо имкон медиҳад, ки натиҷҳо бо далелҳои воқеӣ тасдиқ гардида, аз нуқтаи назари илмӣ ва ҳуқуқӣ ба таври пурра дуруст бошанд.

Асоснокии натиҷҳои таҳқиқот дар он ифода ёфтааст, ки муаллиф бо корбурд аз таҳлили ҳамаҷониба, адабиёти ҳуқуқӣ ва амалияи воқеӣ пешниҳодҳои мушаххаси назариявию амалиро барои такмил додани қонунгузории маданӣ дар соҳаи танзими муносибатҳои хариду фурӯши чакана таҳия кардааст. Ҳар як хулоса ва пешниҳоди муаллиф бо далелҳои эътимодноки илмӣ, таҳлили мантиқӣ - забонӣ ва таҷрибаи воқеии ҳуқуқтатбиққунӣ асоснок гардида, барои такмили қонунгузорӣ, фаъолияти мақомоти судӣ ва дигар мақомоти марбута заминаи кофӣ мегузоранд.

Ҳамин тариқ, натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур бо дараҷаи баланди эътимоднокӣ, дурустӣ ва асоснокии илмӣ ва амалӣ фарқ карда, барои истифода дар фаъолияти илмӣ, ҳуқуқэҷодкунӣ ва ҳуқуқтатбиққунӣ мувофиқ ва судманд мебошанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ.** Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар он аст, ки довталаб ба масъалаҳои танзими ҳуқуқии шартномаи хариду фурӯши чакана мустақилона ибрози ақида намуда, назарияи илмии худро ба хонанда пешниҳод намудааст. Ҷиҳати назариявии ин дониш дар он аст, ки довталаб аз соли 2014 то инҷониб ба таҳқиқи мавзуи шартномаи хариду фурӯши чакана машғул буда, дар семинарҳои илмии кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии ДМТ бо гузоришҳои илмӣ баромад кардааст. Аз фанни «Ҳуқуқи маданӣ» ба донишҷӯёни факултети сиёсат ва идораи давлатии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав дарсҳои маърӯза мехонад ва машғулиятҳои амалӣ мегузаронад.

Довталаб дониши хуби амалӣ дошта, бори аввал таносуби ҳуқуқи моддӣ ва ҳуқуқи мурофиавиро дар ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандаро кушода, исбот

кардааст, ки истифодаи истилоҳи «мол» дар муайян намудани мавзуи шартномаи хариду фурӯши чакана воқеӣ набуда, самаранокии танзими давлатии муомилоти ашёҳои истеъмолиро пурра таъмин карда наметавонад.

Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия бо сатҳи навгонии илмии диссертатсия, нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳои илман асоснокгашта, интишороти илмӣ, ки бо саҳми бевоситаи ӯ омода карда шудаанд, инчунин бо маърузаҳо дар семинарҳо ва конференсияҳои гуногун тасдиқ карда мешаванд.

Пешниҳоду таклифҳои муаллиф дар Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти танзими ҳуқуқии шартномаи хариду фурӯши чакана ифодаи худро ёфтааст.

Аз ин теъдоди асарҳои илмӣ, 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ чоп шудаанд. Услуби навишт, масъалагузории илмӣ, муносибати вижа ба таҳлили мавзуи таҳқиқот, ҳамчунин маънидоднамоии меъёрҳои қонунгузорӣ ва дар ин замина таклифҳо барои такмили қонунгузорӣ саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳад.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.**

Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти мазкур дар 15 мақолаҳои илмӣ инъикос гардида, ба баррасии паҳлуҳои гуногуни масъалаҳои шартномаи хариду фурӯши чакана бахшида шудаанд. Аз ҷумла, 5 мақола дар маҷаллаҳои илмие нашр гардидаанд, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои интишор тавсия шудаанд. Дар ин нашрияҳо натиҷаҳои калидӣ, хулосаҳои илмӣ ва тавсияҳои пешниҳодкардаи унвонҷу ба таври мушаххас ва возеҳ баён ёфтаанд. Аз ҷумла:

1. Азимов, Х.Р. Договор розничный купли-продажи как гражданско-правовое средство охраны прав потребителей [Текст] / Х.Р. Азимов // Правовая жизнь. – 2019. – №2 (26). – С. 173-182; ISSN 2307-5198.

2. Азимов, Х.Р. Виды договор розничный купли-продажи [Текст] / Х.Р. Азимов // Правовая жизнь. – 2019. – №3 (27). – С. 116-119; ISSN 2307-5198.

3. Азимов, Ҳ.Р. Баъзе масъалаҳо оид ба танзими ҳуқуқии тарафҳои шартномаи хариду фурӯши чакана [Матн] / Ҳ.Р. Азимов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Қ. 1. – 2020. – №10. – С. 181-187; ISSN 2413-5151.

4. Азимов, Ҳ.Р. Ҷавобгарии ҳуқуқии фурӯшанда барои вайрон кардани шартномаи хариду фурӯши чакана [Матн] / Ҳ.Р. Азимов // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – 2020. – №4 (27). – С. 116-119; ISSN 2307-51984.

5. Ғаюрзода, Ш.К., Азимзода, Ҳ.Р. Баъзе масъалаҳои унсурҳои асосии шартномаи хариду фурӯши чакана [Матн] / Ш.К. Ғаюрзода, Ҳ.Р. Азимов // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – 2025. – №1 (49). – С. 149-164; ISSN 2307-5198.

6. Азимов, Х.Р. Понятие и особенности договор розничной купли продажи [Текст] / Х.Р. Азимов // Правовая жизнь. – 2016. – №3 (15). – С. 163-174.

7. Азимов, Ҳ.Р. Истеъмолкунандагон ҳамчун субъекти шартномаи хариду фурӯши чакана [Матн] / Ҳ.Р. Азимов // Қонунгузорӣ. – 2016. – №3(23).–С.55-59.

8. Азимов, Ҳ.Р. Конститутсия ва масъалаҳои ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон дар ҶТ [Матн] / Ҳ.Р. Азимов // Маводи конференсияи илмии вилоятии олимон ва муҳаққиқони ҷавон таҳти унвони «Ҷавонон ва рушди илми муосир», бахшида ба соли 2016, «Соли рушди нерӯи зеҳнӣ». – Қӯрғонтеппа, 2016. – С. 278-279.

9. Азимов, Ҳ.Р. Такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бахши шартномаи хариду фурӯши чакана [Матн] / Ҳ.Р. Азимов // Маводи конф. байн. илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Рушди қонунгузории соҳибкорӣ, тиҷоратӣ, сайёҳӣ дар даврони Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» / Зери таҳрири н.и.ҳ., дотс. Раҳмон Д.С. ва н.и.ҳ., дотс. Сангинов Д.Ш. – Душанбе, 2018. – С. 61-66.

10. Азимов, Ҳ.Р. Мафҳум ва хусусиятҳои шартномаи хариду фурӯши чакана [Матн] / Ҳ.Р. Азимов // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илми-назариявӣ бахшида ба соли «Рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ», таҳти унвони «Нақши соҳаи сайёҳӣ дар пешрафти иқтисодиёти миллӣ» (ДДҚ, 24 феврали соли 2018). – Бохтар, 2018. – С. 224-230.

11. Азимов, Ҳ.Р. Ҷуброни зарари маънавӣ дар шартномаи хариду фурӯши чакана [Матн] / Ҳ.Р. Азимов // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзуи «Масъалаҳои муҳимми ҳуқуқи гражданӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (8 июни соли 2019) / Зери таҳрири д.и.ҳ., проф. Ғаюров Ш.К. – Душанбе: «ЭР-граф», 2019. – С. 214-219.

12. Азимов, Ҳ.Р. Шаклҳои гражданӣ-ҳуқуқии ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон дар шартномаи хариду фурӯши чакана [Матн] / Ҳ.Р. Азимов // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ. – Бохтар, 2019. – №3/4 (70). – С. 41-45; ISSN 2663-6506.

13. Азимов, Ҳ.Р. Ҳуқуқи истеъмолкунанда ба иттилооти зарурӣ ва боэътимод доир ба мол дар шартномаи хариду фурӯши чакана [Матн] / Ҳ.Р. Азимов // «Ҳуқуқ ва иқтисод: масъалаҳои мубрами ҳуқуқи иқтисодӣ ва амнияти иттилоотӣ»: маводҳои конфронси байналмилалӣ (ДДТТ, 25-26 апрели 2023) / Зери назари д.и.т. Х.Х. Назарзода, д.и.и. Ф.Р. Шаропов, д.и.ҳуқ. Н.А. Кудратов. – Душанбе, 2023. – 214 с. – С. 191-195.

14. Азимов, Ҳ.Р. Асосҳои ҳуқуқии танзимнамоии шартномаи хариду фурӯши чакана [Матн] / Ҳ.Р. Азимов // Международный научно-практический журнал. ENDLESS LIGHT in SCIENCE. − Алматы, Казахстан, 25 июня 2023 г. − С. 347-349; ISSN 2709-1201.

15. Азимов, Ҳ.Р. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон – заминаи рушди қонунгузории шартномаи хариду фурӯши чакана [Матн] / Ҳ.Р. Азимов // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ бахшида ба 30-солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон гардидани соли 2024 дар мавзуи «Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон – санади олии ҳуқуқии кишвар» (1-2 ноябри соли 2024, ш. Бохтар) / Зери назари д.и.и., профессор Қурбонзода М.Р. ва н.и.ҳ., дотсент Сафарбекзода Ҳ.С. – Бохтар: «ДДБ», 2024. – 536 с. – С. 114-122.

Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №0267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дарачаи ба итмом расидани он. Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** автореферати диссертатсия мубрамияти мавзӯи таҳқиқот асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши мавзӯи таҳқиқот, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, объект ва предмети мавзӯи таҳқиқот, марҳила, макон ва давраҳои таҳқиқот, оварда шуда, асосҳои назариявӣ ва методологӣ, инчунин заминаҳои эмпирикии таҳқиқот, навгонии илмӣ ва нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, тавсиф гардида, аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсия муайян карда шуда, оид ба саҳми шахсии довталаб, тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия ба таври зарурӣ изҳори назар карда шудааст .

Нақша ва сохтори диссертатсия тавре таҳия шудаанд, ки маҷмуи масъалаҳои муҳим ва заруриро ба рои ҳалли мавзуи таҳқиқшаванда дар бар мегиранд. Сохтори рисолаи илмӣ бо назардошти мақсад ва вазифаҳои таҳқиқоти, аз номгуйи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, се боб, нуҳ зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, руйхати адабиёт (маъхазҳо) ва феҳристи интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ иборат буда, ҳаҷми умумии диссертатсия 211 саҳифаро дар бар мегирад. Аз ҷумла:

Дар боби якуми диссертатсия – «Моҳияти шартномаи хариду фурӯши чакана», ки аз се зербоб иборат аст, муаллиф, мавҳум, моҳият, асосҳои ҳуқуқӣ ва тасинифи шартномаи хариду фурӯши чаканаро мавриди таҳқиқ қарор додааст. Дар зербоби якуми боби якум – «Мафҳум ва хусусиятҳои шартномаи хариду фурӯши чакана» номгузорӣ шудааст. Муаллиф асар, дар зербоби якум хамчун ананаи илмӣ - мафҳум ва аломатҳои шартномаи хариду фурӯши чаканаро мавриди баррасии илмӣ қарор додааст.

Ба ақидаи унвонҷӯ шартномаи хариду фурӯши чакана яке аз намудҳои асосии шартномаи хариду фурӯш мебошад. Дар роҳи ба истеъмолкунанда

расонидани ашё, одатан як қатор марҳилаҳои (хариди ашёи хом, истеҳсол, тақсимот ва тартибот яклухт) миёнаравӣ ва як қатор шаклҳои ҳуқуқӣ мегузарад. Таъмини ашё ба истеъмолкунандагон дар шакли бастани шартномаи хариду фурӯши чакана сурат мегирад. Шартномаи хариду фурӯши чаканаро ҳамчун шакли ҳуқуқии ниҳоӣ мебошад, ки ба воситаи он ашё ба истеъмолкунанда расонида мешавад (саҳ. 25).

Ба назари муаллиф диссертатсия ҳадафи асосии меъёрҳое, ки шартномаи хариду фурӯши чаканаро ба танзим медароранд, ин ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон ҳамчун як тарафи заиф дар шартномаи мазкур мебошад. Шартномаи хариду фурӯш яке аз он шартномаҳои классикии ҳуқуқи маданӣ мебошад, ки дар муомилоти ашё саҳми арзанда дошта, аз ҷониби субъектони ҳуқуқи маданӣ баҳри қонеъ намудани манфиатҳои худ ҳамарӯза ин гуна шартнома баста мешавад. Шартномаи хариду фурӯши чакана маъмултарин намуди шартномаи хариду фурӯш мебошад, ки ҳамарӯза аз ҷониб субъектони ҳуқуқи ҳуқуқи мадани барои қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти маоши худ ин шартномаро мебандад (саҳ. 25).

Дар диссертасия қайд шудааст, ки пайдоши мафҳуми расмии шартномаи хариду фурӯши чакана дар қонунгузорӣ марҳилаи рушди таърихиро паси сар намуда, сипас дар Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон мустаҳкам карда мешавад.

Дар доираи ин боб муаллиф, мафҳум, аломатҳои шартномаи хариду фурӯши чакана дар заминаи таҳлили қонунгузории миллӣ ва хориҷӣ, акидаҳои олимон ва мутахассисони ватанию хориҷӣ, мавриду омӯзиш таҳқиқ қарор дода шудааст. Ба назари муаллифи диссертатсия аломатҳои муҳимми шартномаи хариду фурӯши чакана, ки аз мафҳуми шартномаи хариду фурӯши чакана (қ. 1 м. 630 КМ ҶТ) бармеояд, инҳо мебошанд:

1) мақоми махсуси фурӯшанда дар шартномаи хариду фурӯши чакана (танҳо фурӯшандае, ки озодона фаъолияти соҳибкориро оид ба фурӯши чаканаи ашё анҷом медиҳад);

2) мақсади харидани ашё (ашёи харидашуда одатан барои истифодаи шахсӣ, манзилӣ ё дигар навъи истифода таъин гардидааст);

3) шартнома камарзиш мебошад (саҳ. 29).

Ҳамчунин дар ин зербоб муаллиф баъзе мафҳуму истилоҳоте, ки ба истилоҳоти шартномаи хариду фурӯши чакана алоқамандӣ доранд, аз қабили мафҳуми «хариду фурӯш», «савдои чакана», «савдои яклухт» ва «савдои чаканаи хурд» «шартномаи оммавӣ», «шартномаи истеъмолӣ» «хариду фурӯши», «фурӯши яклухт», «бо мақсади истифодаи шахсӣ вобастанабуда харидани мол», мавриди таҳлил қарор медиҳад.

Дар зербоби дуюми диссертатссия бошад, асосҳои ҳуқукии шартномаи хариду фурӯши чакана мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Муаллиф қайд менамояд, ки асосҳои ҳуқуқии шартномаи хариду фурӯши чаканро – низоми ягонаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи шартномаи хариду фурӯши чакана буда, аз қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ иборат аст. Ба назари муаллиф қонунгузории шартномаи хариду фурӯши чаканаро ба танзим медарорад хусусияти омехтаро дошта дар он меъёрҳо соҳаҳои гуногуни ҳуқуқ амал мекунад. Нақши муҳимро дар танзими муносибатҳои шартномаи хариду фурӯши чакана Кодекси мадании ҶТ, Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкундагон» ва санадҳои меъёрии ин соҳа иҷро менамоянд. Асосҳои ҳуқуқии танзими шартномаи хариду фурӯши чаканаро меъёрҳои боби 35 КМ ҶТ ва дигар санадҳои меъёри ҳуқуқие, ки муносибатҳои хариду фурӯши чаканаро ба танзим медарорад, ташкил медиҳад (саҳ.42. 43).

Мавҷудияти муносибатҳои махсуси хариду фурӯши чакана, танзими ҳуқуқии махсуси худро тавассути қонунгузории дар соҳаи хариду фурӯши чакана тақозо мекунад.

Муаллиф, пешниҳод менамоем, асосҳои ҳуқуқии шартномаи хариду фурӯши чаканаро меъёрҳои ҳуқуқи мадании ва танзими шартномавӣ ташкил медиҳад, ки хусусияти комплексӣ доранд, яъне меъёрҳои соҳаҳои гуногуни ҳуқуқӣ ташкил медиҳад (саҳ.51).

Дар зербоби дуюм қайд шудааст, ки дар танзими муносибатҳои шартномаи хариду фурӯши чакана, нақши муҳимро дар танзими он Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон», ки аз 9 декабри соли 2004, №72 қабул шудааст ва санадҳои дигари меъёрӣ-ҳуқуқӣ бо мақсад иҷрои ҳуқуқи истеъмолкунандагон қабул шуда иҷро менамоянд. Зеро дар шартномаи хариду фурӯши чакана харидор ба сифати истеъмолкунданда баромад намуда вазъи ҳуқуқи махсусро Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъолкунадагон» муайян кардааст, соҳиб мегардад.

Бо андешаи муаллиф дар самти танзими ҳуқуқии шартномаи хариду фурӯши чакана санадҳои зерқонунии алоҳида махсусан ба танзими намудҳои шартномаи хариду фурӯши чакана камбудӣ доранд (саҳ. 57). Бинобар ин муаллиф пешниҳодҳои оиди такмили қонунгузорӣ дар ин самтро мекунад.

Дар зербоби сеюм боби дуюми диссертатсия таснифи шартномаи мазкур таҳқиқ шудааст. Муаллиф қайд менамояд, ки дар натиҷаи рушди бахши хусусӣ намудҳои гуногугуни шартномаи хариду фурӯши чакана ҷой дорад ва дар муҳити рақобат соҳибкорон тарзу усулҳои муосири хариду фурӯши чаканаи ашёро ба харидоро пешниҳод менамоняд. Таснифи пурраи шартномаи хариду фурӯши чакана ҷой надорад. Муаллиф аз вобаста ба хусусиятҳои алоҳидаи шартномаи хариду фурӯши чакана онро тасниф намудааст. Муаллиф чунин

намудҳои шартномаи хариду фурӯши чаканаро, ки дар КМ ҶТ оварда шудаанд номбар менамояд:

– фурӯши ашё бо истифода аз воситаҳои худкор;

– шартномаи хариду фурӯш бо шарти ба харидор расонидани ашё;

– шартнома бо шарти аз ҷониби харидор дар мӯҳлати муайян гирифтани ашё;

– фурӯши ашё тибқи намунаҳо.

Ба андешаии мулллиф таснифи шартномаи хариду фурӯши чакана ва танзими ҳуқуқи он нишон медиҳад, ки баъзе намудҳои ин шартнома дар қонунгузории ҶТ ба танзим дароварда нашудаанд. Бинобар ин қонунгузори дар ин соҳа зарурат ба такмил ниёз дорад. Дар хулосаи боби муаллиф пешниҳодҳои ҷиҳати такмили қонунгузории оиди танзими намедҳои алоҳидаи шартномаи хариду фурӯши чакана менамояд.

Боби дуюми диссертатсия – «Унсурҳои шартномаи хариду фурӯши чакана» номгузорӣ шуда, аз чор зербоб иборат аст. Зербоби 1-ум «Тарафҳои шартномаи хариду фурӯши чакана» номгузорӣ шудааст. Дар ин қисмати рисола, муаллиф бо таҳлили қонунгузорӣ ва адабиётҳои илмӣ унсурҳои муҳимми шартномаи хариду фуруши чаканаро, ба монанди тарафҳо, мавзуъ, нарх, мазмуни ва тартиби бастн шартномаро мавриди баррасӣ қарор медиҳад. Ба назари муаллиф шартномаи хариду фурӯши чакана бо унсурҳои шартномаи хариду фурӯши чаканаро аз дигар шартномаҳои ҳуқуқи маданӣ фарқ бояд кард. Бинобар ин муайян кардани онҳо аҳамияти муҳими назарияивӣ ва амли низ дорад дорад. Тарафҳои шартномаи хариду фурӯши чакана, ба монанди дигар намудҳои шартномаи мазкур фурӯшанда ва харидор мебошад.

Масъалаи дигар, ки дар шартномаи хариду фурӯши чакана дида мешавад, ин аз тарафи фурӯшанда ва ҳам аз тарафи харидор мумкин аст, ки як ё якчанд нафар иштирок намоянд.

Зербоби дуюми ин боб «Мавзуи шартномаи хариду фурӯши чакана» ном дорад. Дар ин боб муаллиф ба таври ҳамаҷониба хусусиятҳои мавзуи шартнома хариду фурӯши чаканаро таҳлил намуда, бо истифода аз маводи назариявӣ ва амалии мавҷуда, масъалаҳои муҳиммро баррасӣ намудааст.

Ҳамзамон, муаллиф дар натиҷаи таҳлили мавзуи шартномаи мазкур ба чунин хулоса меояд, ки мавзуи он ашёи манқули истеъмолӣ мебошад, ки одатан барои истифодаи шахсӣ, маишӣ ё навъи дигари истифода таъин гардидаанд ва ба фаъолияти соҳибкорӣ алоқаманд нестанд (саҳ.108).

Муайян кардани мавзуи шартномаи хариду фурӯши чакана муҳим мебошад.

Дар зербоби дуюми ин боб муаллиф масъалаҳои мазмуни шартномаи хариду фурӯши чакана, ба таври муфассал таҳлил менамод. Ба назари муаллиф,

муқаррар шудаст, ки мазмуни шартнома аз шартҳои мувофиқшудаи тарафҳо ташаккул ёфта, доираи ҳуқуқу уҳдадориҳои онҳо муайян шудааст. Дардиссертасия мазмуни шартномаи хариду фурӯши чаканаро ба маънои ҳуқуқу уҳдадориҳои тарафҳои он мавриди баррасӣ қарор додааст. Дар шартномаҳои шартномаи хариду фурӯши чакана ҳуқуқ ва уҳдадориҳои фурӯшанда ва харидор бо санадҳои гуногуни меъёрӣ-ҳуқуқӣ ба танзим даровараа шудааст.

Муаллиф таъкид менмояд, ки меъёрҳои ҳуқуқие, ки ҳуқуқу уҳдадориҳои шартномаи хариду фурӯши чаканаро ба танзим медароранд, ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки аксар уҳдадориҳо дар ин шартнома ба зиммаи фурӯшанда гузошта шудааст ва мақсади ин меъёрҳо бошад, ин ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон, тарафи заифи шартнома нигаронида шудааст. Уҳдадориҳои фурурӯшандаро аз рӯйи шартномаи хариду фурӯши чакана шартан метавон ба ду гурӯҳ менмояд: 1) уҳдадориҳое, ки то бастани шартнома ба миён меоянд, ин уҳдадории тарафҳо (фурӯшанда) оид ба пешниҳоди маълумоти боэътимод дар бораи мол, хосиятҳои он, нарх ва шартҳои фурӯш, инчунин маълумот дар бораи фурӯшандаро дар назар дорад. 2) уҳдадориҳое, ки ҳангоми бастани шартнома ва иҷрои минбаъдаи он ба миён меоянд, аз ҷумла ба харидор бо микдор ва сифати муайян супурдани мол, тартиб додани ҳуҷҷатҳои зарурӣ, иҷрои уҳдадориҳои оид ба кафолат ва хизматрасони, ки дар шартнома ё қонун пешбинӣ шудаанд, дохил мешаванд (саҳ. 113).

Ин тақсимот имкон медиҳад, ки уҳдадориҳои ҳуқуқии фурӯшанда ба низом даровараа шавад ва танзими самарабахши муносибатҳои тарафҳои шартномаро таъмин намояд.

Дар зербоби чоруми боби дуюм, масъалаҳои хусусиятҳои тартиби бастани шартномаи хариду фурӯши чакана» мавриди баррасӣ қарор дода шудаст. Дар диссертатсия қайд шудааст, ки нисбати тартиби бастани ин шартнома қоидаҳои умумӣ оид ба тартиби бастани шартномаи ҳуқуқи маданӣ паҳн мегардад.

Муаллиф қайд менамояд, ки вобаста ба тартиби бастани шартномаи хариду фурӯш чакана бояд, ки фарқияти байни истилоҳҳои «лаҳзаи бастани шартнома», «шакли бастани шартнома» ва «иҷрои шартнома»-ро ҷудо намудан зарур мебошад (саҳ. 135). Ҳар як мн масъала дар диссертатсия мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Мутобиқи КМ ҶТ шартнома бо фиристодани оферта (пешниҳод барои бастани шартнома), аз ҷониби як тараф ва аксепти он (қабули пешниҳод), аз ҷониби тарафи дигар, баста мешавад.

Боби сеюми диссертатсия «Ҷавобгарии ҳуқуқии фурӯшанда тибқи шартномаи хариду фурӯши чакана» ном дошта ва аз ду зербоб иборат аст. Муаллифи диссертатсия таъкид менмояд, ки нақши муҳимро дар самти ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон ҳангоми хариду фурӯши ашё, маҳз ҷавобгарии

ҳуқуқии маданӣ иҷро менамояд, ки ин воситаи самараноки таъмини ҳифзи ҳуқуқӣ мебошад. Зеро татбиқи ҷавобгарии ҳуқуқи маданӣ, ин омили муҳимми барҳам додани оқибати манфии вайронкунии уҳдадорӣ мебошад (саҳ. 149).

Дар зербоби якуми диссертатсия масъалаи рӯёнидани зарари молумулкӣ дар ҳолати иҷро нашудани уҳдадориҳои фурӯшанда мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Дар сурати аз ҷониби фурӯшанда иҷро накардани уҳдадории субъективӣ, дар нисбаташ ҷавобагарии ҳуқуқӣ пешбинӣ шудааст. Муаллиф қайд менмояд, ки қонунгузор барои вайрон кардани шартномаи хариду фурӯши чакана шаклҳои гуногуни ҷавобгари ҳуқуқи пешбини намудааст. Мулаллиф шаклҳои ҷавобгарии ҳуқуқи мадни фурӯшандаро ҳангоми вайрон кардани ҳуқуқҳои истеъмолкунда ба монанди, ҷуброни зиён, товони зарарӣ маънавӣ, мавриди баррасӣ қарор медиҳад.

Ба назари муаллиф Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» механизми ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкундагонро пешбни намудааст. Нақшки меҳимро дар самти ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунадагон ҳифзи судии он иҷро менамояд. Аммо дар таҷриба кам истеъмолкундагон ҳангоми хариди ашё, ки бо вайронкунии ҳуқуқашон рубару мешаванд бо даъво оиди ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкундагон муроҷиат менаомянд. Муаллиф баъзе камбудиҳоро низ оиди ин масъала нишон дода, таклифу пешниҳодҳои оиди ин масъаларо менамояд.

Барои ҳалли ин мушкилот, бояд, ки амалияи судӣ оид ба баррасии парвандаҳои оид ба ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагонро ҷамъбаст намуда, бо мақсади ҷорӣ намудани таҷрибаи якхела ва татбиқи дурусти санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҶТ Қарори Пленуми Суди Олии ҶТ «Дар бораи баррасии парвандаҳои маданӣ оид ба ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» қабул намояд.

Дар зербоби дуюми ҳамин боби диссертатсия масъалаҳои асосии товони зарари маънавӣ ҳангоми вайрон кардани ҳуқуқҳои истеъмолкунанда аз ҷониби фурӯшанда таҳлил карда шудааст. Ба андешаи муаллиф, мувофиқи қоидаи умумӣ, товони зарари маънавӣ дар ҳамон ҳолат ҷуброн мешавад, ки агар зарар натиҷаи амалҳои вайронкунандаи ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкии инсон (истеъмолкунанда) ё амалҳои суиқасдона ба неъматҳои дигари ғайримолумулкии инсон, инчунин дар ҳолатҳои дигари пешбининамудаи қонун зарари маънавӣ (азоби руҳӣ ё ҷисмонӣ) расонида шуда бошад (м. 16 КМ ҶТ). Дар шартномаи хариду фурӯши чакана харидор ҳуқуқ дорад, ки зарари маънавиро ҳангоми поймол шудани ҳуқуқҳояш талаб намояд. Ба андешаи муаллиф, ҳуқуқи ҷуброни зарари маънавиро дорад, тарзи самарноки ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкундагон дар шартномаи хариду фурӯши чакнаа мебошад (саҳ.163).

Дар хулосаи диссертатсия пешниҳодҳои унвончуй ҷиҳати такмили танзими ҳуқуки мадании шартномаи хариду фурӯши чакана ҷойгир шудаанд.

Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Диссертатсияи Азимзода Ҳайдаршоҳ Раҷаб дар мавзӯи «Шартномаи хариду фурӯши чакана: масъалаҳои асосии танзими ҳуқуқи хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз ҷониби муаллиф ҳамаҷониба таҳқиқ гардида, ба яке аз шартномаҳои маъмултарини ҳуқуқи маданӣ бахши шуда, муҳтавои он пурра ба ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи граждании; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, ба талаботи қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз 30 сентябри соли 2021, №07 тасдиқ, шудааст, мувофиқ мебошад.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Диссертатсияи Азимзода Ҳайдаршоҳ Раҷаб дар мавзӯи «Шартномаи хариду фурӯши чакана: масъалаҳои асосии танзими ҳуқуқи хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 - Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ба талаботи қарори Раёсати Комиссиям олии аттестатсионии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз 30 сентябри соли 2021, №7 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия.** Новобаста аз дастоварду муваффақиятҳо ва пешниҳдҳои ҳадафмандона диссертатсияи мазкур аз норасоиҳо, ғалатҳо ва масъалаҳои баҳснок, ки хусусияти ҷузъӣ доранд, холӣ нест. Аз ҷумла:

1. Дар саҳифаҳои 37 ва 40 рисолаи илмӣ, муаллиф мавқеи илмии худро мушаххас намуда, чунин ақида дорад, ки шартномаи хариду фурӯши чакана тибқи қонунгузории ҶТ яке аз намудҳои шартномаи хариду фурӯш ва шартномаи истеъмолӣ мебошад. Шартномаи истеъмолӣ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбини нашудааст. Аз ин рӯ, мавқеи муаллиф дар ин масъала асосноккуниро талаб менамояд. Барои исбот кардани ин мавқеъ ба муаллиф зарур аст, ки назарияи худро амиқтар асоснок кунад, ё пешниҳодҳои мушаххаси дигарро баён намояд. Дар айни ҳол, чунин мавқеъгузорӣ мумкин аст ба мушкилоти тадбиқи қонунгузорӣ дар амалия ва суд оварда расонад. Бо ин мақсад, назари муаллифро дар ин масъала мехохем амиқан шунида бошем.

2. *Ҳамзамон муайян кардани тарафи фурӯшанда дар ин шартнома* аҳаммияти муҳим дар самти ҳимояи ҳуқуқиистеъмолкунандагон дорад. Пурсида мешавад ин барои исбот кардани ин мавқеъ ба муаллиф зарур аст, ки назарияи худро ҳангоми ҳимояи рисола амиқтар асоснок кунад.

3. Муаллиф дар рисила қайд менамояд, ки дар Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» меъёри мушаххас оид ба савдои электронӣ ҷой надорад. Қонуни мазкур муносибатҳои байни истеъмолкунандагон ва истеҳсолкунандагон, иҷрокунандагон ва фурӯшандагонро ҳангоми фурӯши мол (иҷрои кор, хизматрасонӣ) ба танзим медаровард. Пешниҳод менамоем, ки қонуни мазкур дар самти амалиётҳои рақамии ҳуқуқҳои истеъмол-кунандагон меъёри алоҳидаи дақиқ ворид карда шавад. Пурсида мешавад, ки оё меъёрҳои Қонуни ҶТ «Дар бораи савдои электронӣ» танзимкундаи савдои элетронӣ басанада намебошад? Аз ин рӯ, дархост карда мешавад, ки муаллиф ҳангоми ҳимояи рисолаи илмӣ назари худро дар ин масъала равшан намояд.

**Эродҳои болозикр** ва камбудиҳои ҷойдошта ба сифати баланди илмии диссертатсия таъсири манфӣ ворид на·месозанд, балки башорат медиҳанд, ки мавзуи мазкур мубрам буда, аз нигоҳ илмӣ таҳлил намудани онҳо саривақтӣ мебошад.

Автореферати диссертатсия тибқи тартиби муқарраршуда барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз руйи ихтисоси аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 - Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ таҳия гардида, мазмуни асосии кори таҳқиқотро инъикос менамояд ва дар он натиҷаҳои назарраси илмӣ асоснок гардида, шарҳи пурраи худро ёфтаанд.

**Хулоса, рисолаи диссертатсионии Азимзода Ҳайдаршоҳ Раҷаб** ба талаботҳо оид ба корҳои диссертатсионӣ дар мавриди дарёфти дараҷаи илмии номзади илм мувофиқ буда, муаллифи он сазовори ноил гардидан ба дараҷаиилмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мутобиқ мебошад.

Тақриз дар асоси муқарраротти мавҷуда, махсусан бандҳои 76, 77, 78, 79 ва 81 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, таҳти №295) тасдиқ шудааст, таҳия ва пешниҳод гардидааст.

Диссертасия ва автореферат дар семинари васеи илмӣ назариявии кафедраи ҳуқуқи маданӣ ва иқтисоди факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Дар семинар иштирок доштанд 9 нафар: Тарафдор 9 нафар, муқобил – бетараф нест. Протоколи семинари васеи илмӣ-назариявӣ таҳти №3 аз 26-уми ноябри соли 2025.

Тақризи муассисаи пешбар аз ҷониби М.Т. Раупова д.и.ҳ., профессори кафедраи ҳуқуқи маданӣ ва иқтисодии факултети ҳуқуқшиносии Академияи

идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон омода карда шуда, дар ҷаласаи кафедра муҳокима ва ҷонибдорӣ карда шудааст. Дар маҷлис иштирок доштанд 9 нафар: тарафдор 9 нафар, муқобил – бетараф нест. Протоколи кафедра таҳти №3 аз 26-уми ноябри соли 2025.

**Раиси семинари илмӣ-назариявӣ:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
дотсент мудири кафедраи ҳуқуқи
маданӣ ва иқтисодии Академияи
идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Олимзода Д.А.

**Ташхисгар:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
профессори кафедраи ҳуқуқи
маданӣ ва иқтисодии Академияи
идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Раупова М.Т.

**Котиби ҷаласа:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти
кафедраи ҳуқуқи маданӣ ва иқтисодии
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Мирзоев П.И.

«Имзои Олимзода Д.А., Раупова М.Т.,
Мирзоев П.И.-ро тасдиқ мекунам»:
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва
корҳои махсус Насурдинзода А.Н.

**Суроға:** 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи Саид Носир 33 Тел: (+992 37) 224-45-29, https://www.apa.tj, info@apa.tj , «26» ноябри соли 2025